# ХУЛОСАИ НИҲОИИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-012 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии № 5

Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 21.01.2023, № 5.2.

Барои сазовор донистани Шамсуллозода Шукрулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба ҳимоя 12 октябри соли 2022, протоколи № 5.1. аз тарафи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 12/шд таъсис ёфтааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шамсуллозода Шукрулло 02 июли соли 1981 таваллуд шудааст.

Соли 2003 Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон)-ро аз рӯйи ихтисоси андоз ва андозбандӣ хатм кардааст.

Солҳои 2003-2004 ҳамчун муаллим-коромӯзи кафедраи назарияи иқтисодии Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ фаъолият намудааст.

Солҳои 2004-2009 ба сифати ассистенти кафедраи иқтисодиёти назариявии Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) фаъолияти илмиву педагогии худро идома додааст.

Солҳои 2009-2013 ба ҳайси номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ, сипас муаллими калони кафедраи суғуртаи Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) кор кардааст.

Солҳои 2013-2017 фаъолияти худро ба ҳайси ходими пешбари илмии шуъбаи иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ ва хизматрасонӣ ва мудири шуъбаи мазкури Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) фаъолият намудааст.

Аз соли 2017 то соли 2020 ба ҳайси мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, аз соли 2020 то моҳи феврали соли 2022 дотсенти кафедраи мазкур ва аз моҳи феврали соли 2022 то моҳи октябри соли 2022 ба сифати директори Пажӯҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ, дипломатия ва масоили ҷаҳонишавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст.

Аз 01 октябри соли 2022 бо мақсади пурра ба анҷом расонидан ва ҳимояи рисолаи докторӣ ба рухсатии эҷодӣ баромадааст.



165

Диссертатсия дар кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзӯи диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар ҷаласаи Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2014, протоколи № 4, инчунин дар ҷаласаи Шӯрои олимони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2020, протоколи № 9/36 тасдиқ гардидааст.

**Мушовири илмӣ:** Мирсаидов Аврор Бобоевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Низомова Тухфамо Давлатовна - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
2. Ризоқулов Турақул Рабимқулович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.
3. Ҷамшедов Маҳмадназар - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса дар ҷаласаи кафедраҳои назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳон ва молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон суратҷаласаи № 5 аз 30.12.2022 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, д.и.и, профессори кафедраи минтақашиносӣ ва сиёсати берунии ДСРТ Улмасов Р.У. эксперт – д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони ДСРТ Раҳматзода Ҳ.Б. ва котиби ҷаласа мудири кафедраи молияи ва қарзи ДСРТ н.и.и., дотсент Шарифов Т.А. имзо шуда, аз тарафи ректори донишгоҳ д.и.и., профессор Файзулло М.Қ. дар санаи 31.12.2022 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия”, бешубҳа кори илмиву тахассусӣ буда, дар он ҳалли муаммоҳои илмӣ, ки аҳамияти муҳиму афзалиятнокро дар рушди илми иқтисоди ватанӣ доро аст, комилан бо талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст. Аз ин лиҳоз муаллифи он Шамсуллозода Шукрулло сазовори дараҷаи доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавкеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба соҳаи иқтисодиёти соҳибкорӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.



116

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Дар асоси маводи диссертатсия 30 кор бо ҳаҷми умумии зиёда аз 34 ҷ.ч., аз ҷумла 15 мақола дар маҷаллаҳои такризшавандае, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудаанд, 4 монографияи муаллифӣ ба чоп расидаанд:

[1-А]. Проблемы становления и развития обществ взаимного страхования. Монография / Ш.Шамсуллозода. - Душанбе: Ирфон, 2017. - 176 с.

[2-А]. Страховой бизнес в сфере предпринимательства Республики Таджикистан. Монография / Ш.Шамсуллозода. - Душанбе: Ирфон, 2014. - 160 с

[3-А]. Проблемы развития страхового рынка и его роль в финансовой безопасности Таджикистан. Монография / Ш.Шамсуллозода. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 184 с.

[4-А]. Экономические основы развития страхового рынка в условиях обеспечения экономической безопасности. Монография / Ш.Шамсуллозода - Душанбе: Ирфон, 2008. - 112 с.

[5-А]. Механизмы государственного регулирования страхового предпринимательства в Таджикистане // Экономика Таджикистана, 2022. - № 3.

[6-А]. Основные направления совершенствования механизмов планирования страховых организаций [Текст] / А.Б. Мирсаидов, Ш.Шамсуллозода // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). 2022. - № 2 (77).

[7-А]. Раванди сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ дар бозори сармоя [Матн] / Шамсуллозода Ш. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон №3(37). ISSN 2308-054X, маҷаллаи илмӣ. Душанбе, 2021. - С. 216-226.

[8-А]. Асосҳои назариявии фаъолияти суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар давоми солҳои 1991 - 2016) [Матн] / Ш.Шамсуллозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон №2 (36). ISSN 2308 - 054X, маҷаллаи илмӣ. Душанбе, 2021. - С. 271-274.

[9-А]. Фаъолияти суғуртавӣ чун намуди фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] / Ш.Шамсуллозода, Х.Шамсуллозода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ №1/1 (83). ISSN 2663-5534, Маҷаллаи илмӣ. Бохтар, 2021. - С. 186-188.

[10-А]. Баъзе ҷанбаҳои таъминоти иттилоотӣ дар соҳаи суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Ш.Шамсуллозода //Маҷаллаи илмию сиёсии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Идоракунии давлатӣ» - №3 (52), ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2709-8567 (Online), Душанбе, 2021. - С. 25-37.

[11-А]. Суғуртаи хавфҳо ҳамчун шарти ҳатмии фаъолияти соҳибкорӣ [Матн] / Ш.Шамсуллозода // Маҷаллаи илмию сиёсии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Идоракунии давлатӣ» №2 (51). ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2709-8567 (Online), Душанбе, 2021. С. 58-67.

[12-А]. Баъзе муаммоҳои фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Шамсуллозода // Маҷаллаи илмии «Иқтисодиёти Тоҷикистон» №4 (1). ISSN 2310-3957. Душанбе, 2021. - С. 42-51.

[13-А]. Формирование и развитие медицинского страхования в Республике Таджикистан [Текст] / Ш.Шамсуллозода // Научно-полотический журнал Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан «Государственное управление». - Душанбе, 2021. - №1 (50). - С. 50-61.

[14-А]. Проблемы развития системы взаимного страхования на таджикском страховом рынке [Текст] / Ш.Шамсуллозода // Научный журнал «Экономика Таджикистана» №1. ISSN 2310-3957. Душанбе, 2020. - С. 133-142.

[15-А]. Страховой рынок как составная часть финансовой системы и безопасности рынка страховых услуг в Республики Таджикистан [Текст] / Ш.Шамсуллозода // Вестник Таджикского национального университета №2/8 (149), (научный журнал). Серия экономических наук. - Душанбе: Сино, 2014. - С. 110-119.

[16-А]. Основные задачи развития страхового рынка Республики Таджикистан [Текст] / Ш.Шамсуллозода // Вестник Таджикского национального университета №2/3 (135), (научный журнал). Серия экономических наук. - Душанбе: Сино, 2014. - С. 103-107.

[17-А]. Страховой рынок и функции государственного надзора за страховой деятельностью [Текст] / Ш.Шамсуллозода // Вестник Таджикского национального университета №2/4 (114), (научный журнал). Серия экономических наук. - Душанбе: Сино, 2013. - С. 188-194.

[18-А]. Анализ страхового рынка в системе экономической безопасности Республики Таджикистан [Текст] / Ш.Шамсуллозода // Известия Академии наук Республики Таджикистан Отделение общественных наук. Серия «Экономика». - Душанбе: 2008. - №3. - С. 70-76.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. Назаров Талбак Назарович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо чунин эродҳо: 1. Дар автореферати диссертатсия оид ба истифодаи моделҳои маъмул вобаста ба бартараф намудани хавфҳои эҳтимолӣ бо истифодаи баҳодиҳии рейтингии инноватсионӣ нишон дода нашудааст. Беҳтар мегардид, ки дар таҳқиқотҳои минбаъда доир ба ин масъала аҳамияти хосса дода мешуд. 2. Муаллиф таъкид намудааст, ки дар шароити рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ муваффақияти соҳибкории суғуртавӣ аз ҳолати менеҷменти суғуртавӣ вобаста аст. Хубтар мешуд, ки менеҷменти суғуртавиро дар намуди модели консептуалӣ нишон медод ба манфиати кор мегардид. 3. Дар ҷумлаҳои матни автореферат хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мешаванд.

2. Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ – д.и.и., дотсент, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо: 1. Дар автореферати диссертатсия оид ба истифодаи натиҷаҳои дилхоҳ вобаста ба тағйирёбии иқлим аз истифодаи усулҳои инноватсионӣ соҳибкории суғуртавӣ нишон дода нашудааст. Хуб мешуд, агар дар оянда ҳангоми пешбурди корҳои илмӣ ба инобат гирифта мешуд. 2. Ба андешаи муаллиф маҳз пазируфта шудаст, ки хавф ҳамчун захираи истеҳсолӣ, ки пешгирӣ намудани зуҳури он, пеш аз ҳама суғуртакуниро тақозо менамояд, ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавиро мусоидат менамояд. Аммо хуб мебуд, сенарияҳои бартараф намудани хатарҳои дар



168

шароити имрӯза маъмулӣ аз хафҳои эҳтимолӣ дар низоми бонкӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳод мегардид.

3. Усманова Туфа Ҷумаевна – д.и.и., профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эродҳо: 1. Беҳтар мебуд, агар муаллиф диққати асосиро ба асосҳои институтсионалии ташаккулу рушди бозори суғурта равона месохт. Шояд ин нуқта дар матни рисолаи илмӣ инъикос ёфта бошад. Хотиррасон менамоям, ки ин қисмат бениҳоят муҳим аст ва ба инобат гирифтани асосҳои институтсионалӣ ба мо имкониятҳои бештар медиҳад. 2. Дар оянда хуб мешуд муаллиф масъалаи кам кардани хавфҳои соҳибкории соҳаҳои воқеъии иқтисодиёт ва таъмини рақобатпазирии онҳоро дар сатҳи давлатҳои ҷаҳон, тавассути рушди суғурта ҳангоми таҳқиқотҳои илмӣ баррасӣ менамуд.

4. Ҷурабоев Ғафурҷон – д.и.и., профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунинҳо эродҳо: 1. Натиҷаи озмоиш муайян кард, ки дар автореферат ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оварда шудааст. Аммо пешниҳодҳо вобаста ба ҷанбаҳои назаравию методологии рушди соҳибкории суғуртавӣ аз тарафи муаллиф кам ба назар мерасад. 2. Дар саҳифаи 20 автореферат, аз тарафи муаалиф ҷадвал оид ба омилҳои беруна ва дохили, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири мусбӣ ва манфӣ мерасонад, тартиб дода ба қатори омилҳои беруна, ба ҷои миқдор ва сохтори аҳолӣ, мафҳуми демографияро истифода бурдааст, ки дар воқеъ демография ин худ, илми махсус ба ҳисоб меравад. 3. Дар автореферат хатогиҳои имлоӣ, техникӣ мушоҳида мешаванд.

5. Алиҷонов Ҷамшед – д.и.и., дотсент мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров бо чунин эродҳо: 1. Вобаста ба нишондиҳандаҳои захираҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои фаъолияти суғурта муайян карда шавад мувофиқи мақсад мебуд. 2. Хуб мебуд, муаллиф масъалаи танзими давлатии бозори суғуртаро дар автореферат ба таври мушаххас инъикос мекард.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- асоснок карда шудааст, мавҷудияти хавҳо дар низоми иқтисодӣ ва рӯи майдон омадани манфиати суғуртавӣ, ки категорияи асосии бахши суғуртавии иқтисодиёт мебошад, заминаҳои пайдоиши фаъолияти соҳибкории суғуртаро ташкил медиҳад;

- пешниҳоди муқаррароти муаллиф доир ба фаъолияти соҳибкории суғурта ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти суғурта барои ҳифзи манфиатҳои молумулкӣ ва безараргардонии таъсири хавфу хатарҳо бо агентҳои иқтисодӣ, ки ба принсипи ратсионализми иқтисодӣ такя менамояд;

- ҷанбаҳои қавӣ ва заифи сохторҳои соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта тавсиф шуда, тамоюли рушди он муаяйн карда шудаанд, ки дар асоси таҳияи самтҳои банақшагирии стратег қарор гирифта сохтор ва афзалиятҳои стратегияи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши суғуртавии иқтисод ташаккул мeёбад.



119

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия барои инкишофи назария ва амалияи соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёт мусоидат мекунанд;

- ҷанбаҳои методологии арзёбии қонуниятҳо ва тамоюли рушди соҳибкории суғуртавӣ метавонанд барои такмили методикаи таҳлилу арзёбии равандҳои рушд ва самаранокии иҷтимоию иқтисодии соҳибкории суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон хидмат намоянд;

- муқаррароти назариявии диссертатсия доир ба моҳияти талаботу манфиати суғурта ва моҳияти иқтисодии суғурта бо назардошти шаклҳои имконпазири институтсионалии татбиқи он назарияи муосири соҳибкории суғуртавиро таҳким менамояд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:**

- муқаррарот ва бобҳои алоҳидаи диссертатсияро метавон ба сифати маводи методӣ ҳангоми ташкили фаъолияти самарабахши соҳибкорӣ ва фаъолияти менеҷменти ташкилотҳои суғуртавӣ истифода бурд;

- хулосаҳои амалии диссертатсия метавон дар ташкил ё таҷдиди сохтории фаъолияти ташкилӣ ва молиявии ширкат, таҳияи низом ва чораҳо оид ба таъмини суботи молиявӣ, тақвиятбахшии фаъолияти сармоягузории субъектҳои бахши суғуртавии иқтисоди кишвар метавон истифода бурд;

- як қатор пешниҳодҳои амалии диссертатсиро кормандони самтҳои гуногуни мақомоти ҳокимияти давлатӣ метавонанд зимни таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба рушди фаъолияти суғуртавӣ, ташкили дастгирии соҳибкорӣ мусоидат мекунанд, мавриди истифода қарор диҳанд;

- муқаррароти методӣ ва назариявии таҳқиқотро дар фаъолияти педагогии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, дар курсҳои таълимии «Суғурта», «Асосҳои суғурта», «Асосҳои соҳибкорӣ», «Таҳлили молиявии ширкатҳои суғуртавӣ», ташкили курси махсуси «Соҳибкории суғуртавӣ» ва ғайра истифода бурдан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- муқаррароти назариявӣ ва хулосаҳои илмии диссертатсия дар асоси назарияҳои бунёдии иқтисодӣ, қонунҳои иқтисодӣ, назарияи соҳибкорӣ, хавф ва назарияи манфиатҳои суғурта таҳия шудаанд;

- *ғояи* таҳқиқот аз таҳлили дастурҳо, баромадҳо ва паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи оморӣ ва таҳлилии вазорату идораҳои дахлдор, маводи конференсҳо ва дигар маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ сарчашма мегиранд;

- ҳамаи давраҳои иҷрои нақшаи кории илмӣ, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бевоситаи аз ҷониби муаллиф анҷом ёфтааст;

- муаллиф доир ба такмили механизми рушди соҳибкорӣ дар бахши иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алгоритмҳои пайдарпайии таҳияи стратегияи рушд ва механизмҳои ташкилию иқтисодии татбиқи стратегияи рушди ташкилотҳои суғурта мустақилона тавсияҳои методӣ пешниҳод намудааст.



170

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

- татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба сатҳи такмилдиҳии назария ва амалияи соҳибкории суғурта мусоидат мекунад;
- хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ «Суғурта», «Таҳлили молиявии ширкатҳои суғуртавӣ», ва «Идораи давлатии соҳаҳои иҷтимоӣ» ва ғайра татбиқ шудаанд;
- муқаррароти асосии диссертатсия дар 30 кори илмӣ, аз он ҷумла 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;
- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тӯли солҳои 2014-2022 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маърӯза гардидаанд.

Дар маҷлиси шӯрои диссертатсионӣ аз 21 январи соли 2023 қарори сазовор донистани Шамсуллозода Шукрулло бо дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шӯрои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шӯро 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор 14 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** — **Шаропов Ф.Р.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ, д.и.и., дотсент** — **Толибов Қ.Қ.**

**Санаи барасмиятдароии хулоса** 23.01.2023



171